**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Латипова Гуландом Сайҳомидовна дар мавзуи «Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти давлат ба ҳисоб рафта, он дар айни замон ҳамеша ба маблағгузории иловагӣ ниёз дорад, ки ин заруриятро тавасути бонкҳои тиҷоратӣ бароварда намудан мувофиқи мақсад мебошад. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки таҷзия ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ гирифтани қарз аз бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ мушкил аст, зеро муносибатҳои қарзии онҳо ба қарзгирандагоне ба роҳ монда мешаванд, ки онҳо қодиранд пардохти қарзро бо фоизи он дар муҳлати кӯтоҳ таъмин намоянд.

Бояд қайд кард, ки қарзҳои бонкӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим доранд, вале хусусияти мавсимӣ доштани соҳаи кишоварзӣ, давомнокии давраи истеҳсолот дар ин бахш, ба бонкҳои тиҷоратии кишвар монеаҳо эҷод менамояд. Бинобар ин ташкилотҳои қарзӣ, дар самти қарздиҳӣ ба ин соҳа ҳавасманд нестанд.

Аз ин лиҳоз унвонҷӯ дар автореферат муаммоҳои ҷойдоштаро дар ин самт ифшо намуда, роҳҳои ҷалби бештари сармояро ба ин соҳа татбиқ ва пешниҳод намудааст. Муаллиф, таъсири механизмҳои ҳавасмандгардонии қарзро дар сатҳи макро ва микро, инчунин дар сатҳи корхонаҳои кишоварзӣ муайян намуда, нақши қарзро ҳамчун ҳисса дар рушди истеҳсолоти кишоварзӣ аз ҷониби бонкҳо арзёбӣ намудааст, ки он мақбул дониста мешавад.

Таҷрибаи давлатҳои дар ин самт рушднамуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди ин соҳа аз пешниҳоди имтиёзҳои давлатӣ дар самти қарздиҳӣ

вобастагии зиёд дорад. Дар чунин шароит дарёфти механизмҳо ва абзорҳои таъсирбахши молиявӣ барои кишвари мо зарур арзёбӣ мегардад. Аз рӯйи таҳлилҳо ва коркардҳои илмӣ гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур комилан иҷрошуда буда он қобили дастгирӣ мебошад. Ҳамзамон бо ин пешравиҳо хуб мешуд агар масъалаҳое зерин дар диссертатсия ғунҷонида мешуданд:

1. Хуб мешуд агар унвонҷӯ сабабҳои рушди пасти соҳаро бо таҳлили факту рақамҳо дар шакли эҳтимолӣ дар афтореферати диссертатсия ҷой менамуд.

2. Сифати афтореферат беҳтар мешуд агар унвонҷӯ ҳиссаи бахши институтсионалиро, ки мақомҳои асосии қарздиҳанда ба субъектҳои кишоварзӣ маҳсуб меёбанд дар афтореферат ҷой менамуд.

Маҷмуан тамоми масъалаҳо ва таҳлилҳои дар афтореферат арзёбигардида боиси дастгирӣ мебошанд.

Гуфтан бамаврид аст, ки ҳангоми таҳлил ва баррасии автореферати диссертатсияи Латипова Гуландом Сайҳомидовна дар мавзуи «Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Латипова Гуландом Сайҳомидовна сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Мудири кафедраи
фаъолияти бонкии ДДТТ
н.и.и., дотсент — Ҳалимов Л.М.

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ ½
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Телефон: +992 (37) 234-83-46
E-mail:mail@ddtt.tj

Дурустии имзои Ҳалимов Л.М-ро тасдиқ менамоям

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ — Пирзода С.С.